Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://www.istilohot.tj)

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН ДАР СОҲАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Submitted by Ҳайати тадорукот on 27 February, 2024 - 12:12
[1]

Мансурӣ Шодмон Ҷамолиддинзода
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент, омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тел.: 900-12-00-55, Mansoorovshj@mail.ru [2]

**ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ-ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН УВАЖАЕМОГО ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ПОВЫШЕНИЕ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ ГРАЖДАН В ОБЛАСТИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА**

Мансури Шодмон Джамолиддинзода
кандидат юридических наук, доцент, преподаватель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Национального университета Таджикистана
Тел.: 900-12-00-55, Mansoorovshj@mail.ru [2]

**THE CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION, THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, DEAR EMOMALI RAHMON, TO IMPROVING THE LEGAL LITERACY OF CITIZENS IN THE FIELD OF THE STATE LANGUAGE**

Mansuri Shodmon Jamoliddinzoda
candidate of legal sciences, associate professor, teacher of the department of business and commercial law of the Faculty of Law of the National University of Tajikistan
Tel.: 900-12-00-55, Mansoorovshj@mail.ru [2]

Фишӯрда. Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи саҳми Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи забони давлатӣ меравад. Қайд менамоем, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзим ва таъмини рушди сиёсати забони давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд, ки дар ин замина дигаргуниҳои назаррас бавуҷуд омадааст, ки ин ҳама хизматҳои Пешвои миллат мебошад. Тибқи қонунгузории ҶТ барои ҳаммаи миллатҳо ва халқиятҳо шароити забонӣ фароҳам оварда шудааст. Вале баъзеи шаҳрвандон ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ арҷ намегузоранд, бетарафӣ зоҳир менамоянд, талаботи қонунгузорӣ ва меъёрҳои забони адабии давлатиро, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд, риоя намекунанд, дар натиҷа барои таъмини ҳифзи забони давлатӣ мушкилот бавуҷуд меояд.

Калидвожаҳо: Пешвои миллат, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши забони давлатӣ, истилоҳот, номгузорӣ, реклама, рекламаи номуносиб, тамғаи молӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, рекламадиҳанда, ширкатҳои реклама истеҳсолкунанда, реклама истифодарбаранда, субъектҳои хоҷагидор, ташкилоту муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонӣ.

Аннотация. В данной статье речь идет о вкладе Лидера нации – Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в повышение правовой просвещения граждан в области государственного языка. Отметим, что в период независимости Республики Таджикистан для регулирования и обеспечения развития государственной языковой политики было принято много нормативных правовых актов, в которых произошли значительные изменения, которые являются заслугами Лидера нации. В соответствии с законодательством РТ созданы языковые условия для объединения наций и народностей. Однако некоторые граждане и индивидуальные предприниматели не претендуют на государственный язык, проявляют нейтралитет, не соблюдают законодательные требования и нормы государственного литературного языка, способствующие повышению правовой грамотности граждан, в результате возникают проблемы с обеспечением защиты государственного языка.
Ключевые слова: Лидер нации, повышение правовой просвещения граждан, государственный язык Республики Таджикистан, изучение государственного языка, терминов, наименований, рекламы, ненадлежащей рекламы, товарных знаков, надписей на товарах и товарах, рекламодателей, рекламных компаний-производителей, рекламодателей, хозяйствующих субъектов, организаций и учреждений, торговых точек и центров обслуживания.

Annotation. This article is about the contribution of the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, dear Emomali Rahmon, to improving the legal literacy of citizens in the field of the state language. It should be noted that during the period of independence of the Republic of

Tajikistan, many normative legal acts were adopted to regulate and ensure the development of the state language policy, in which significant changes took place, which are the merits of the Leader of the Nation. In accordance with the legislation of the Republic of Tatarstan, linguistic conditions have been created for the unification of nations and nationalities. However, some citizens and individual entrepreneurs do not apply for the state language, show neutrality, do not comply with the legislative requirements and norms of the state literary language, which contribute to improving the legal literacy of citizens, as a result, problems arise with ensuring the protection of the state language.
Keywords: The leader of the nation, improving the legal literacy of citizens, the state language of the Republic of Tajikistan, the study of the state language, terms, names, advertising, inappropriate advertising, trademarks, inscriptions on goods and goods, advertisers, advertising companies, manufacturers, advertisers, business entities, organizations and institutions, retail outlets and service centers.

Дар идоракунии давлатӣ Паёми Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун санади муҳими мақомоти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар он моҳияти идоракунӣ ва дурнамои ояндаи давлатдорӣ таҷассум ёфтааст. Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 муроҷиат намуда, иброз доштанд, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат таҷлил карда мешавад, аз ин рӯ, соли 2024-ро соли маърифати ҳуқуқӣ эълон намуданд. [1].
Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо масъулияти баланд ва иродаи худ барои таъмини озодӣ, баробарҳуқуқӣ, соҳибихтиёрии давлат ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар идоракунии президентиро интихоб намуда, саҳми арзандаи худро дар идоракунии эъмори давлатдорӣ гузоштаанд. Ин амалҳои неки шаҳрвандон аз он шаҳодат медиҳад, ки миллати тоҷик аз рӯйи урфу одат ва анъанаҳои миллияшон амал намуда, фарҳанги инсондӯстӣ ва ватандӯстӣ дорад, ки ин маърифати маънавии миллати тоҷик мебошад.
Идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар асоси боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби халқ эътироф карда шудааст. Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Дар ин замина 30 декабри соли 2023, №668 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» батасвиб расидааст. [2].
Яке аз рукнҳои идоракунии давлатӣ ин ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, зеро шаҳрвандон ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа мебошанд. Дар ин замина, Пешвои муаззами миллат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар маъди аввал гузошта, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷоннисориҳо намуда, гурезаҳоро ба ватан баргардонданд, миллати тоҷикро сарҷам намуданд, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии заруриро таҳия ва қабул намуданд, идоракунии давлатиро дар се таҷзияи ҳокимият, қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба роҳ монда, иқтисодиёти давлатиро дар сатҳи зарурӣ баланд бардоштаанд, ки дар муҳтавои Паём пешниҳоди мардуми Тоҷикистон гаштааст.
Дар Иҷлосияи даҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии забони тоҷикӣ баъди қабул гардидани Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 [3] фароҳам оварда шудааст. Қонуни мазкур дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як давраи муайян амал намудааст, ки дар танзим ва ҳифзи забони тоҷикӣ мушкилоти сиёсиву фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷой дошт, бинобар ин рушди забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ғайриимкон буд ва ба талаботи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ набуда, ба такмил ниёз дошт.
Аз ин рӯ, бо ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ҳифз ва гиромидошти забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553 [4] қабул гардид, ки вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин намуда, забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ, робитаҳои дипломатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ғайра истифода мегардад.

Тибқи моддаи 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. [5] Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ мебошад, ки тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни мазкур ҳар як шаҳрванд вазифадор аст забони давлатиро донад. Дар асоси банди 3-и Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2010) ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва ғайра тағйиру иловаҳо вобаста ба донистани забони давлатӣ ворид карда шудааст, ки ин иқдоми наҷиб ҳангоми озмунҳо доир ба санҷиши кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқияшон мусоидат намуд. Инчунин, ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи муқаррароти қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] ҳатмӣ мебошад. Забони давлатӣ дар фаъолияти кори мақомоти давлатӣ ва ҷомеа дар муносибатҳои расмии шифоҳӣ ва хаттӣ ҳамчун воситаи асосии коргузорӣ ва муошират мавриди истифода қарор дорад. Дар асоси муқаррароти Қонуни мазкур коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад. Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забони дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Тартиби коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба танзим даровarda мешавад. [7]

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул гардида, интишори расмии онҳо дар воситаҳои ахбори омма ба забони давлатӣ интишор шуда, дар ҳолатҳои пешбининамудани қонунгузорӣ ба забонҳои дигар аз тарафи мақоми ваколатдор тарҷума карда мешаванд. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, содда ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шуда, ҳамон як истилоҳ дар қонунгузорӣ як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад. [8] Бинобар ин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ милликунонии забони қонунгузориро ба забони давлатӣ ба роҳ монда, дар асоси принсипҳои қонуният, адолат, ҳуқуқэҷодкунӣ, ошкорбаёнӣ, шаффофият, илмият, касбият, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд фаъолият менамоянд, ки ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи риояи меъёри забони адабӣ мусоидат менамояд.

Дар Қонуни мазкур забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои он забони давлатӣ муқаррар шуда, дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ забони дигаре, ки муқаррар шудааст, истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони илм забони давлатӣ муқаррар шуда, дар таҳқиқоти илмӣ забонҳои дигар низ метавонанд истифода шаванд. Чорабиниҳои фарҳангӣ, фарҳангии байналмилалӣ ва байнидавлатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба забони давлатӣ баргузор гардида, метавонанд ба забонҳои дигар сурат гирад. Забони воситаҳои ахбори омма тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар ба роҳ монда мешавад.

Назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷумҳурӣ тибқи қисми 4 Низомнома Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, ва корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигари давлатӣ [9] ба роҳ мемонад. Инчунин, бо мақсади танзим намудани забони тарҷумаи номгузорӣ, навиштаҷоти эълону реклама ва тамғаҳои молӣ дар ҷумҳурӣ Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон таъсис гардида, аз соли 2024 фаъолият менамояд. [10]

Тибқи банди 21) моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ваколати мақоми давлатӣ дар соҳаи забон ва истилоҳот, [11] яъне Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, риояи қонунгузории забони давлатӣ мунатзам назорат бурда мешуд. Мутаассифона, ваколати

мазкур бо мақсади дастгирии соҳибкорон ва кам намудани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор бо пешниҳоди Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2023, №1949 аз Қонуни мазкур хориҷ карда шуд. Айни замон Кумита чунин ваколати назорати эълону реклама, номгузории ташкилоту муассисаҳои ғайридавлатӣ, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонии маишӣ, тамғаҳои молӣ ва хизматрасониро надорад.
Инчунин, дар асоси моддаҳои 8-11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» масъалаи номгузории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. [12] Дар ин соҳа мушкилоти тарҷума, баргардон ва ҳуруфгардон намудани номгузорӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин, дар қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавқеи забони давлатӣ номуайян буда, калимаи «баргардон» нодуруст истифода шуда, мантиқан ғалат корбурд шуда, он маънои тарҷума ва ҳуруфгардонро дар як маврид дода наметавонад. Зеро тарҷума ва ҳуруфгардон ду ҳолати гуногун мебошанд ва ин ду ҳолатро наметавон бо як калимаи «баргардонидан» ифода кард. Бинобар ин, бо мақсади танзим намудани ҳамагуна номгузорӣ қисми 3 моддаи 18 таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири нав пешбинӣ кардан зарурат дорад: «3. Номгузории ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума мешавад.».
Эълону реклама дар ҳудуди ҷумҳурӣ ба забони давлатӣ интишор гардида, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои дигар низ интишор карда мешаванд. Инчунин, номи ташкилоту муассисаҳои ватанӣ, хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ ба роҳ монда мешавад. Бинобар сабаби маҳдуд шудани ваколати Кумита, татбиқи меъёрҳои муқарраршударо минбаъд дар ҳамкорӣ бо мақомтои Хадамоти зиддиинҳисории  назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ менамояд. Яъне корманди Кумита дар гурӯҳҳои кории мақомоти дахлдор ҳангоми даъват шудан ҳамчун мутахассиси соҳаи забони давлатӣ иштирок намуда, хулосаи худро расман вобаста ба талаботи Қонуни мазкур пешниҳод менамояд.
Меъёри талаботи қисми 2 қонунгузории соҳаи забони давлатӣ хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, масъалаи забони давлатӣ дар қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» муқаррар шудааст. Реклама дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва бо салоҳдиди рекламадиҳандагон, инчунин, ба дигар забонҳо, паҳн карда мешавад. Ин муқаррарот  ба радиошунавонӣ, пахши телевизионӣ ва нашрияҳои чопие, ки танҳо ба забони давлатӣ, забонҳои дигар миллатҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматдошта ва забонҳои хориҷӣ сурат мегиранд, инчунин ба тамғаҳои молии (тамғаҳои хизматрасонӣ) ба қайд гирифташуда дахл надоранд. [13]
Дар Қонуни мазкур ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва истифодабарандагони реклама мушаххас муайян карда шудааст, масъалаи ҳифзи забони давлатиро сарфиназар намуда, дар доираи талаботи қонунгузорӣ фаъолият наменамоянд, ки мушкилоти зиёди соҳаи забони давлатӣ бавуҷуд омадааст. Ҳамзамон, қайд менамоем, ки муносибатҳои соҳаи реклама, махсусан рекламаи номуносибе, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад, ба саломатӣ, тарзи ҳаёт, шаъну шарафи онҳо ё эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонад ва ба принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид намояд манъ мебошад.
Қобили зикр аст, ки масъалаи танзими реклама тибқи банди 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар ваколати мақоми давлатӣ дар соҳаи фаъолияти зиддиинҳисорӣ, яъне Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, назорат мебарад.
Инчунин, дар асоси моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» талабот оид ба пешниҳоди ариза дар бораи бақайдгирии тамғаи молӣ ба Идораи патентӣ аз ҷониби шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудааст. Ариза ба забони давлатӣ ё забони русӣ пешниҳод карда мешавад.
Ҳуҷҷатҳои ба ариза замимашаванда бо забони давлатӣ ё забони дигар пешниҳод мегарданд. Агар ин ҳуҷҷатҳо бо забони дигар пешниҳод шуда бошанд, ба ариза тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ замима карда мешавад. Тарҷумаро ба забони давлатӣ на дертар аз ду моҳи пас аз санаи ба аризадиҳанда фиристодани огоҳиномаи Идораи патентӣ оид ба зарурати иҷрои ин шарт пешниҳод намудан мумкин аст.
Тибқи моддаи 27 Қонуни мазкур истифодабарии тамғаи молӣ ва оқибатҳои истифода

набурдани он муқаррар карда шуда, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд дар молҳо, тамғакоғазҳо, борпечҳои молҳое, ки истеҳсол, барои фурӯш пешниҳод ва фурӯхта мешаванд, дар намоишгоҳу ярмаркаҳо намоиш дода ё ба тарзи дигар ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муомилоти маданӣ ворид карда мешаванд ба роҳ монанд.
Аз меъёри моддаи 11 Қонуни мазкур бар меояд, ки ҳуҷҷатгузории Муассисаи давлатии Патенту иттиллооти назди Вазорати рушди иқтисод ва саводи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ариза ба забони давлатӣ ва дигар забонҳо ба идораи мазкур пешниҳод мешавад. Вале дар талаботи Қонуни мазкур масъалаи танзими тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ муқарраротоид ба забони давлатӣ ва ё ба кадом забонҳо бошад, мушаххас вуҷуд надорад. Танҳо дар моддаи 27 Қонуни мазкур дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрноки истифода набурдани тамғаи молӣ дар молҳо ва ё борпечҳои онҳо ба кор бурдани тамғаи молӣ дар реклама, нашрияҳои чопӣ, бланкҳои расмӣ, дар лавҳаҳо, ҳангоми намоиши экспонатҳо дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашаванда ҳамчун истифодаи тамғаи молӣ эътироф шуда метавонад. [14]
Боиси тазаккур аст, ки меъёри талаботи қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» таҷасум ёфтааст, ки дар мавриди истифода бурдани тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд тамғаи молии худро ҳамчун рекламаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода баранад. Бинобар ин, дар асоси қисми 4 моддаи 5 қонунгузории соҳаи реклама масъалаи дахл надоштани танзими бақайдгирии тамғаҳои молӣ истисно карда шудааст, ки дар натиҷа мухолифатҳо бавуҷуд омада, масъалаи танзими тамғаҳои молӣ ба забони давлатӣ ҷой надорад, то ҳол нофаҳмиҳо ва риоя нагардидани талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ дар ин соҳаҳо ҷой дорад.
Инчунин, танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумла, соҳибкорони инфиродӣ ба шумор меравад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» амалӣ карда мешавад. Вале дар Қонуни мазкур муқаррароте вуҷуд надорад, ки масъалаҳои забони давлатиро ба пурррагӣ танзим намояд. Бинобар ин, ҷиҳати танзим намудани масъалаҳои забони давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи 181 бо мақсади танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ пешниҳод мешавад.
Таҳлил ва омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаҳои танзими номгузорӣ, эълону реклама ва тамғаҳои молӣ мушкилоти гуногуни забони давлатӣ ҷой дошта, тибқи қонунгузории дар алоҳидагӣ, танзим карда мешаванд. Онҳо дар идоракунии давлатӣ нақши худро дошта, муҳим арзёбӣ мегарданд. Чунки номгузорӣ, эълону реклама ва тамғаҳои молӣ тибқи қонунгузорӣ ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, танзим карда мешаванд. Мисол, Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соҳаи танзими фаъолияти реклама, ки 19 декбри соли 2003 дар шаҳри Москва ба имзо расидааст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004 тасдиқ гардидааст ва Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ аз 20 марти соли 1883 бо тағйиру иловаҳо.
Номгузорӣ метавонад ҳамчун тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ бошад дар як навбат метавонад ҳамчун реклама ва ё номгузорӣ карда шуда, ҳамчун нишонаҳое, ки барои фардикунонии молҳо, корҳои иҷрошаванда ё хизматрасониҳои шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, мавриди истифода қарор дода шавад.
Реклама бошад дар як навбат метавонад ҳамчун иттилооте, ки дар ҳар шакл, тавассути ҳар навъ воситаҳо оид ба шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо (ахбори рекламавӣ) паҳн мешаванд ва барои доираи васеи шахсон пешбинӣ шуда, барои фурӯхтани молҳо, ғояҳо ва ташаббусҳо мусоидат менамояд.
Мутаассифона, баъзе мутахассисони мақомоти дахлдор, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ ва дигар қонунгузориро намедонанд ва риоя намекунанд, ки дар натиҷа забони давлатиро ҳамнгоми номгузорӣ ва ё рекламаи ширкатҳо, мағозаҳо, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонӣ, тамғаҳои молӣ сарфи назар намуда, ба забонҳои хориҷӣ таҳия ва истифода мебаранд, ки амалҳои онҳо хилофи қонун мебошад.
Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои танзими номгузорӣ, рекламавӣ ва тамғаи молӣ дар

қонунгузории соҳаи забони давлатӣ ва дигар соҳаҳо ҳамаҷониба ба роҳ мондашуда, ҷиҳати ислоҳи мушкилоти ҷойдошта чунин пешниҳод менамоем:
1.Назорати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», махсусан, номгузорӣ, реклама ва тамғаҳои молӣ аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ ба роҳ монда шавад.
2.Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро оид ба танзим намудани масъалаҳои истифода бурдани реклама ба забони давлатӣ ва бо дигар забонҳо бо ҳарфҳои баробар, инчунин, номгузорӣ ва тамғаҳои молии ташкилоту муассисаҳои ватанӣ ва хориҷӣ аввал бо забони давлатӣ ва бо забонҳои дигар бо ҳарфҳои баробар ҳуруфгардон ва ё тарҷумаро таҳия намуда, ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод намояд.
3.Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ ҳангоми зарурат номгузории ширкатҳо, соҳибкорони инфиродӣ, тамғаҳои молӣ ва хизматрасониро бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ мувофиқа намояд.
4.Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»-ро назорат ва таъмин намоянд.
5.Масъалаи танзими маводи реклама тибқи банди 5 моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ҷиҳати амалӣ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» дар ваколати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳамасола дар нақшаи Шурои ҳамоҳангсози фаъолияти субъектҳои хоҷагидори назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон реклама, номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд ворид кардашуда, мавриди санҷиш қарор дода шаванд.
6. Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ барои насб намудани реклама номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд, иҷозатнома медиҳад. Аз ин рӯ, ҷиҳати риояи талаботи моддаҳои 13 ва 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз субъектони мазкур назорат ва талаб намояд.
Ҳамзамон, дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҳуқуқ ва ухдадориҳои рекламадиҳанда, истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва истифодабарандагони реклама мушаххас муайян карда шудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади танзим намудани реклама, номгузорӣ ва ё тамғаҳои молӣ ва хизматрасоние, ки ҳамчун реклама истифода бурда мешаванд. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумиҳурӣ ва Муассисаи давлатии Рекламаи берунии ороишии шаҳри Душанбе лоиҳаи қарор оид ба ухдадор ва вазифадор намудани субъектони рекламадиҳанда, ширкатҳои реклама истеҳсолкунанда, паҳнкунанда ва реклама истифодабаранда таҳия намуда, масъалаи мазкурро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.
7.Боиси тазаккур аст, ки меъёри талаботи қисми 4 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» хусусияти ҳаволадиҳанда дошта, дар моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» таҷасум ёфтааст, ки дар мавриди истифода бурдани тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳуқуқ доранд тамғаи молии худро ҳамчун рекламаи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ истифода баранад. Бинобар ин, дар асоси қисми 4 моддаи 5 қонунгузории соҳаи реклама масъалаи дахл надоштани танзими бақайдгирии тамғаҳои молии (тамғаҳои хизматрасонӣ) истисно карда шудааст, ки дар натиҷа мухолифатҳо бавуҷуд омада, масъалаи танзими тамғаҳои молӣ ба забони давлатӣ вуҷуд надорад, то ҳол нофаҳмиҳо ва риоя нагардидани талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатӣ дар ин соҳаҳо ҷой дорад.
Дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» муқаррар шудааст, ки ҳуҷҷатгузории Муассисаи давлатии Патенту иттиллооти

назди Вазорати рушди иқтисод ва саводи ҶТ ба забони давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ариза ба забони давлатӣ ва дигар забонҳо ба идораи мазкур пешниҳод карда мешавад. Вале, дар талаботи Қонуни мазкур масъалаи танзими тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ муқаррарот оид ба забони давлатӣ ва ё ба кадом забонҳо бошад, мушаххас вуҷуд надорад. Танҳо дар моддаи 27 Қонуни мазкур дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрноки истифода набурдани тамғаи молӣ дар молҳо ва ё борпечҳои онҳо ба кор бурдани тамғаи молӣ дар реклама, эътироф шудааст.
Аз ин рӯ, Муассисаи давлатии Патенту иттилооти назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ вазифадор карда шавад, ки дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда ва омӯзиши қонунгузорӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»-ро бо дарназардошти ҳифзи сиёсати забони давлатӣ таҳия намояд.
8. Бо мақсади танзим намудани соҳаи номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумла, соҳибкорони инфиродӣ ба шумор меравад, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» амалӣ карда мешавад. Вале дар Қонуни мазкур муқаррароте вуҷуд надорад, ки масъалаҳои забони давлатиро ба пуррагӣ танзим намояд. Бинобар ин, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ вазифадор аст, ки ҷиҳати танзим намудани масъалаҳои забони давлатӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моддаи 181 бо мақсади танзим намудани номгузорӣ, навиштаҷоти молу маҳсулот, тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ пешниҳод намояд.
1. Номгузорӣ ва навиштаҷоти ҳама гуна молу маҳсулоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума шаванд.
2. Дастурамалҳо, навиштаҷотҳо ва дигар маводи иттилоотии ҳар як молу маҳсулоти воридотӣ бо забони давлатӣ тарҷума карда мешаванд.
3. Навиштаҷоти тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ ба забони давлатӣ ва ба дигар забонҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.». Меъёри пешбинигардида сариваҳтӣ мебошад, чунки субъекти воридкунандаи молу маҳсулот дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда намешавад. Номгузорӣ, реклама ва тамғаи молии ҳама гуна молу маҳсулоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба забони давлатӣ навишта шуда, метавонад ба дигар забонҳо ҳуруфгардон ва тарҷума шавад.
Қайд менамоем, ки баъзе мутахассисони мақомоти дахлдор, шаҳрвандон ва соҳибкорони инфиродӣ талаботи қонунгузории соҳаи забони давлатиро дар сатҳи зарурӣ намедонанд, ки дар натиҷа забони давлатиро ҳамнгоми номгузорӣ ва ё рекламаи ширкатҳо, мағозаҳо, нуқтаҳои савдо, марказҳои хизматрасонӣ, тамғаҳои молӣ сарфи назар намуда, маводи худро ба забонҳои хориҷӣ таҳия ва истифода мебаранд, ки амалҳои онҳо мувофиқи мақсад намебошад.
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони иттилоот ва коммуникатсия ба забони давлатӣ сурат гирифта, барои истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад, инчунин, барои ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мусоидат мекунад.
Ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дар мукотиба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо шаҳрвандон забони давлатиро истифода менамоянд. Мукотиба бо ташкилотҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ ва забоне, ки муқаррар шудааст, сурат мегирад.
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузории мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва лавҳаю овезаҳои онҳо ба забони давлатӣ ба роҳ мондашуда [15], номи ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума карда мешаванд.
Номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин, қисмҳои таркибии онҳо ва объектҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳот, деҳа, маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишин, инчунин кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххо, биёбонҳо ва дигар  объектҳо тибқи қонунгузорӣ ба забони давлатӣ сурат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарорсозӣ ва ҳифзи номҳои таърихиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин менамояд. [16]
Матни муҳру тамғаҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,

корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, эълону реклама, тамғаи молӣ ва хизматрасонӣ, борпечҳо, барчаспҳо, марказҳои хизматрасонӣ, нуқтаҳои савдо, корхона, муассиса ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ навишта шуда, дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба забонҳои дигар низ ҳуруфгардон ва ё тарҷума карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва нашри коғазҳои қимматнок, аз ҷумла саҳмияҳо, вомбаргҳо, векселҳо ва ғайра ба забони давлатӣ сурат мегирад.
Бо мақсади танзим ва ҳамоҳангсозии сиёсати забони давлатӣ Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 қабул гардидааст, ки амалисозии рушди сиёсати забони давлатӣ бо маром идома дошта, аз ҷониби мақоми ваколатдор назорат карда мешавад.
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки амиқи моҳияти сиёсиву фарҳангии забони давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимро қабул намуд, ки бо шарофати онҳо дар кишвар барои эҳё, ҳифз ва рушди босуботи забони давлатӣ ва забонҳои дигар фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ руйи кор омад. Тадбирҳои ҳадафманд ва пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи гиромидошту арҷгузорӣ ва эҳтиром ба забони давлатӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи сокинони ҷумҳурӣ эътимоди мардумро ба ояндаи неки Тоҷикистон мустаҳкам намуд. [17]
Дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба хотири ҳимояи асолати миллӣ ва арҷ гузоштан ба забони модарӣ аз ҷониби Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми октябри соли 2010 Забони давлатӣ дар радифи Модар ва Ватан ҳамчун муқаддасоти олӣ эълон гардидааст. [18] Пешвои миллат бо лаҳни шевои меъёри забони адабии тоҷикӣ дар чорабинии байналмилалии Созмони Милали Мутаҳид баромад намуда, миллати тоҷикро дар ҷаҳони муосир бо забони давалатӣ муаррифӣ намуданд, ки ин арҷ гузоштан ба муқаддасоти олӣ мебошад.
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Конститутсия ва Қонуни мазкур рушд ва ҳифзи забони давлатӣ таъмин гардида, забони тоҷикӣ тибқи қонунгузорӣ ҳамчун мақоми забони давлатӣ гирифта, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандоне, ки забони модариашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар мебошад, маҳдуд намегардад.
Забон омили муҳими якдигарфаҳмии одамон ва пайванддиҳандаи риштаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳост. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал менамояд. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истисной ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, дар муошират ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд. Дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ бештар забони русӣ ҳамчун забони муошират байни давлатҳо, истифода мешавад. Омӯзиши забони русӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисҳои олии таълмӣ тибқи қонунгузорӣ ба роҳ монда мешавад.
Тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия гардида, тарҷумаи онҳо ба забони русӣ сурат гирифта, дар ҳолатҳои зарурӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд. Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне махзани электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои таъсири имконпазир дар шакли электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пеш бурда мешавад (моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»).
Дар идоракунии давлатӣ забони мукотиба муҳим буда, шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ, ҳангоми муошират ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ забони давлатӣ ва забони русиро истифода мебаранд. Ҳуҷҷатҳои расмӣ ба забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ҳангоми зарурат ба забони русӣ ва ё дигар забонҳо тарҷума гардида, ба воситаи идораҳои нотариалӣ тасдиқ карда мешавад. Дар Тоҷикистон созмонҳои байналмилалӣ фаъолият менамоянд, ки забони муоширати онҳо бештар забони русӣ мебошад. Шаҳрвандоне, ки забони давлатӣ ва ё русиро намедонанд, метавонанд барои шинос шудан бо ҳуҷҷатҳо ва баргузори мурофиаҳо аз тарҷумон истифода баранд [19].
Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, ҳамгироии кишвари мо бо мамлакатҳои хориҷӣ равнақ меёбад, мо бояд барои омӯзиши забонҳои иртиботи байналмилалӣ, пеш аз ҳама русӣ азму кӯшиш намоем.
Гуфтушунидҳо ва мукотибот бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ ва забонҳои расмии онҳо сурат мегиранд. Ҳангоми зарурат, дар гуфтушунидҳо ва мукотибот истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда намешавад.
Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ менамоянд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон истифода намоянд. Дар Қонуни мазкур баробарҳуқуқии забонҳои

миллатҳо ва халқиятҳо эътироф карда шудааст, ки онҳо барои истифодаи забони модариашон ҳуқуқ дошта, дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад. Муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд ба забонҳои дигар низ фаъолият намоянд. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ барои ақаллиятҳои миллӣ таъмин карда мешавад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, омӯзиши забони давлатӣ ҳатмӣ мебошад. Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад (м.41 Конститутсия).
Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин, шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандоне, ки ақаллияти миллӣ мебошанд, шароит фароҳам оранд. Чорабиниҳои фарҳангии миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ менамоянд, метавонад ба забони давлатӣ ва забонҳои дигар баргузор карда шаванд. Дар робита ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш ба муносибати Рӯзи забон 5 октябри соли 2010 чунин тазаккур доданд: «Дар кишвари мо бо риояи меъёрҳои байналмилалӣ барои истифодаи озоди забонҳои дигар, аз ҷумла забонҳои модарии ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳои сокини кишвар шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо мо дар як сарзамин зиндагии муштарак доранд, тибқи қонунгузорӣ дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд. Мо ба ҳама забонҳо ва фарҳангҳо арҷ мегузорем».
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт ба ин хат шароит фароҳам оварда шуда, ҳифзи асолати он тибқи қонунгузорӣ таъмин карда мешавад. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ омили муҳимми иттиҳод ва ҳамбастагии миллатҳо ва халқиятҳои сокини ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад. Имрӯз забони тоҷикӣ дар робита бо кишварҳои ҳамзабони минтақа ва тақвияти рушди пайвандҳои муштараки фарҳангӣ бо ҷомеаи тоҷикзабонони ҷаҳон нақши бузург дорад. Дар замони Истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ дар таҳким ва густариши робитаҳои фарҳангӣ бо тоҷикони бурунмарзӣ нақши муҳим дорад. Пешвои миллат сиёсати давлатиро дар бораи забонҳои ақаллиятҳои миллии сокини ҷумҳурӣ бо риояи меъёрҳои Конститутсия пайваста пайгирӣ намуда, иҷрои ин ҳадафро аз вазифаҳои муҳими муносибати байни миллатҳо ва халқиятҳо дар кишвари азизамон медонанд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ барномаҳои радио ва телевизион фаъол буда, ба бештари ин забонҳо рӯзномаву маҷаллаҳо нашр мешаванд. Дар ҷумҳурӣ дигар халқиятҳо зиндагӣ менамоянд, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, забони онҳо шева, яъне лаҳҷа мебошанд. Барои эҳёи забони илм ва ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлил ва омӯзиши лаҳҷаҳои забони миллатҳо ва халқиятҳои дигар мувофиқи мақсад мебошад.
Дар асоси Нақшаи амалисозии Барномаи мазкур ҳифзи муқаддасоти олӣ дар идоракунии давлатӣ таъмин карда мешавад. Қайд менамоем, ки вақте, ки мо калимаи Ватанро ба забон меорем, модари азизамон пеши назар меояд, чунки Модар моро ба дунёи ҳастӣ оварда, забони модарӣ, худшиносию худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, зирракию сиёсӣ ва ҳифзи сохти маъмурию ҳудудии Ватанро ба мо омӯзонда, тарбия намудааст.
Модар барои ҳар инсон азизтарин кас аст ва бесабаб нест, ки муқаддастарин мафҳум, яъне Ватанро бо мафҳуми Модар ҳаммаъно донистаанд. Ин ду мафҳум барои ҳар як инсони соҳибватан арзишу манзалати хоса дорад. Таълиму тарбияи Модари тоҷик аст, ки ба дунё фарзандони фарзонаи бонангу номус, чеҳраҳои мондагор, қаҳрамонон, ҳуқуқшиносони асил, олимон, шоирон ва мардони далеру шӯҷо овардааст, ки ҷавонон метавонанд пайравони онҳо шаванд.
Таърих гувоҳ аст, ки Забони модарӣ аз гузаштаҳои Модари тоҷик ба мо меърос монда, Модари тоҷик ҷиҳати таълиму тарбияти фарзандон дар идоракунии давлатӣ нақши муҳим дорад. Мафҳуми забон воситаи муҳимтарини муомилоти инсоният буда, бо шарофати забон мардум бо ҳамдигар иртибот барқарор мекунанд, афкору эҳсосу хостаҳои худро ба дигарон мерасонанд. Забони модарӣ як рукни асосии давлатдорӣ буда, риояи меъёри забони адабӣ дар ҷомеа муҳим арзёбӣ мешавад, аз ин рӯ, Пешвои миллат Забони давлатиро дар радифи Модар ва Ватан ҳамчун муқаддасоти олӣ эълон намудаанд, ки дар сарнавишти инсон нақши ҳалкунанда дорад. Ҳамзамон, заминаи ҳуқуқии истилоҳоти Ватан, Модар ва Забон дар моддаи 2 ва 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи

ватандӯстии шаҳрвандон» [20] муқаррар карда шуда, аз ҷониби давлат ҳифз ва пуштибонӣ карда мешавад. Шаҳрвандоне, ки Ватани худро, Забони давлатии худро ва Модари худоро дӯст медорад, бояд нисбати Забони давлатӣ беэҳтиромӣ зоҳир накунанд, ҷиҳати поку беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ ва ба наслҳои оянда расонидани он ҳамчун Пешвои миллат саҳмгузор бошанд.
Қобили зикр аст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бо ибтикори Пешвои муаззами миллат зиёда аз 410 қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида; қонунҳои конститутсионӣ; кодексҳо ва қонунҳои соҳавӣ қабул гардидаанд, ки заминаҳои ҳуқуқии давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ташкил медиҳад.
Дар идоракунии давлатӣ забони қонунгузорӣ муҳим буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул гардида, интишори расмии онҳо дар воситаҳои ахбори омма ба забони давлатӣ интишор шуда, дар ҳолатҳои пешбининамудани қонунгузорӣ ба забонҳои дигар аз тарафи мақоми ваколатдор тарҷума карда мешавад. Матни санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи услуби расмии забони адабӣ, содда ва равону фаҳмо баён карда шавад, ки тафсири ҳархелаи меъёрҳоро истисно намояд. Истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шуда, ҳамон як истилоҳ дар қонунгузорӣ як маъноро ифода намуда, мазмуни ягона дошта бошад.
Пешвои миллат ба хотири ҳифз ва гиромидошти забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар таҳия ва қабули қонунгузории ҶТ ба забони давлатӣ саҳми арзанда доранд. Қонунгузории амалкунанда барои ҳуқуқэҷодкунӣ, қонуният, адолат, ошкорбаёнӣ, шаффофият, илмият, касбият, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ ба забони давлатӣ таҳия ва қабул гардида, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар доираи риояи меъёри забони адабӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj [3]. (Санаи муроҷиат: 15.01.2024).
2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон гардидани соли 2024 Соли маърифати ҳуқуқӣ» аз 30 декабри соли 2023, №668 // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj [3]. (Санаи муроҷиат: 15.01.2024).
3. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1989, №15, мод.102.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 октябри соли 2009, №553 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №9-10, мод. 546; с.2023, №11, мод.467.
5.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016. – С.9.
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ» аз 30 июни соли 2021, №268 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 15.01.2024).
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28 июли соли 2017, №358 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 15.01.2024).
8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ1, мод. 271; соли 2019, №7, мод.465; соли 2021, №12, қ.2, мод.694.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 13 феврали соли 2024, №57 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 25.02.2024).
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Муассисаи давлаатии «Маркази миллии матрыума»-и назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон» аз 13 феврали соли 2024, №58 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 25.02.2024).
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, №1269 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2015, №12 қ1, мод.1115; с.2017,  №7-9, мод.578; с.2019, №6, мод. 326; с.2020. №1, мод.29; с.2023, №1-3, мод.10.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009, №508 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №5 мод.316; с.2010,№12,қ-1,мод.828; с.2012,№12қ1,мод.1006, с.2015,№11,мод.972; с.2016,№5,мод.370; с.2019, №1, мод.33; с.2019,№7, мод.475; с.2020,№1, мод.27; с.2023, №1-3, мод.4.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, №34 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2003, №8,мод.457; с.2007,№6,мод. 432; с.2008,№10. мод.824; с.2011,№12,мод.843; с.2012,№4, мод.262; с.2014, №11,мод.672; с.2015,№3, мод.224; с.2017, №7-9,мод.575,мод.576; с.2018, №1,мод.26; с.2022, №7,мод.456; №12,қ.2, мод. 787.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007, №234 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод. 167; с.2012, №7, мод.708; с.2019, №1, мод. 31.
15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаҳои давлатӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин, объектҳои физикию ҷуғрофӣ» аз 31 октябри соли 2009, №609 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 20.01.2024).
16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номҳои объектҳои ҷуғрофӣ» аз 29 апрели соли 2006, №185 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006,№4,мод.198; с.2013,№3мод.188.
17. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» аз 28 ноябри соли 2022, №647 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL.:http://www.adlia.tj [4] (Санаи муроҷиат: 20.01.2024).
18. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон - Душанбе: «Истеъдод», 2013. С. – 45-88.
Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2024, №2017 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №12, мод. 815, мод. 816; с.2010,  №7, мод. 551; с.2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609: с.2012, №4, мод. 259, №7, мод.714; №8, мод. 815; №12 қ1, мод. 1020, мод. 1025; с2013, №7, мод. 510, мод. 511; с.2014, №3, мод.142; №11, мод.643. с.2015, №11, мод.950; с.2016, №3, мод.128; №5, мод.357, №7, мод.610, мод.611; с2017, №1-2, мод. 4; с2018, №5, мод. 267; с.2019,№1, мод. 3; с.2020 №7-9, мод. 602, мод. 608; с.2021. №1-2, мод.5; № 4, мод.197; №12, қ.2, мод. 684, мод. 685; с.2022, №1,2-3, мод. 4; №7, мод. 442; №12, қ.2, мод.766, мод.767; РХТ аз 3.01.2024с. №2017.
20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022, №1920 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2022, №12 қ. 2, м. 760.

**Content rating:** 1

Average: 1 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [5]
- Мақолаҳо [6]

**Source URL:** http://www.istilohot.tj/en/node/7003?mini=2025-03

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/Shodmon_2.PNG [2] mailto:Mansoorovshj@mail.ru [3] http://www.president.tj [4] http://www.adlia.tj [5] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [6] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/26